**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика ”**

Дар замони муосир публитсистика чун жанри ҷанговар муҳимияти махсус ба худ касб намудааст. Зеро маҳз ба воситаи он атрофи масоили сохтмону ободкорӣ ва инъикоси мавзӯъҳои нав,чеҳраҳои муосиру таърихӣ арзишҳои арзанда бозгӯи мегарданд.Дар ин радиф рисолаи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон”дорои хусусияти умдаи омӯзиши мебошад.

Рисола аз муқаддима,се боб ва хулосаи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима аҳамияти мавзӯъ,дараҷаи омӯзиш ,мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш ва масъалаҳои муҳими дар рисола пешниҳодшуда баррасӣ гардидаанд.

Боби якуми автореферат **“Ҳаёт ва эҷодиёти Тоҷӣ Усмон дар контести муҳими иҷтимоии замон”** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур диссертант зиндагиномаи публитсист Тоҷӣ Усмонро мавриди баррасӣ ва пажӯҳиш қарор додааст.

Боби дуюми рисоларо диссертант « **Мавқеи очерк дар публитсистикаи Тоҷӣ Усмон** унвон намудааст. Он аз ду фасл иборат буда, ба таҳқиқи фаъолияти рӯзноманигорию публитсистии Тоҷӣ Усмон бахшида шудааст. Муаллифи рисола бо факту рақамҳои амиқ ва хулосау нишондодҳои илмӣ собит менамояд,ки Тоҷӣ Усмон ҳанӯз солҳои сиюми асри гузашта чун рӯзноманигору публитсисти моҳир дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ бо як силсила хабару мақола,лавҳа ва очеркҳои рӯзмарра қаламкашӣ намудааст. Дар эҷодиёти Тоҷӣ Усмон накши занон ,озодии онҳо ,барқарор намудани сохти колхозӣ ва ҳаёти комсомолони мубориз бештар инъикос гардидааст. Очеркҳои алоҳидаи Тоҷӣ Усмон асосан дар бораи барқарорсозии ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон ҳикоят мекунанд.

**“Вижагиҳои публитсистии ҳаҷвии Тоҷӣ Усмон”** боби сеюми рисоларо ташкил медиҳад. Дар он ҳаҷвиёти адиб ба се гурӯҳ ҷудо гардидааст ва дар он вижагиҳои алоҳида баррасӣ шудаанд. Азбаски худи Тоҷӣ Усмон зиёда аз бист соли умри дудро дар маҷаллаи ҳаҷвии “Хорпуштак” сипарӣ намудааст,мавзӯи ҳаҷвро хеле хуб омӯхтааст ва аз силсилаи ҳаҷвия ва фелетонҳои вай ба монанди “Пул пулро меёбад”, “Гила аз дӯст” “Сири мардон пӯшида”,” Арӯси ду шавҳар” ва амсоли онҳо, ки бо имзоҳои мустаор ва худи муаллиф ба нашр расидаанд дорои ҳаҷви намакин буда,парда аз рӯи ҳаннотону хорҳои ҷамъият бардоштаанд.

Дар рисола муаллиф перомуни адибаҳои тоҷик Робияи Балхӣ,Маҳастии Хуҷандӣ, Зебуниссо, ки дар китоби Тоҷӣ Усмон “Бисту се адиба” мураттаб гардидаанд андешаронӣ намуда,қайд менамояд,ки маҳз бо заҳмати Тоҷӣ Усмон ҳанӯз солҳои шастуми асри гузашта ашъори адибаҳои тоҷик аз нашр баромадааст ва дар китобҳои дигари Тоҷӣ Усмон “Духтари ниқобдор”, “Аз ҳаёти адибаҳо” очеркҳои муаллиф ҷой дода шудаанд.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар рисола баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Чунончӣ: баъзе пунктҳо тӯл кашидаанд ва хулосаҳо дар охири бобҳо ва зербобҳо нисбатан камтар ба назар мерасанд; аммо хулосаю фикрҳои муаллиф бар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва бойгониҳо мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд,ки хеле асосноку муҳим мебошанд ва маҳаки мундариҷаи рисоларо баён мекунанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқи Салимзода Маҷид Одинаро метавон дастоварди хуб дар соҳаи журналистика номид. Ҳамчунин, маводи таҳқиқотро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ вобаста ба таърихи публитсистика ва назарияву амалияи журналистика, таҳияи маводи таълимии дарсҳои амалии факултету шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст. Маводи рисола инчунин барои минбаъд ба таври густурда анҷом додани таҳқиқи хусусиятҳои мухталифи назариявю амалии публитсистика замина фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон” кори таҳқиқии анҷомёфта

буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика сазовор аст.

Соҳибова Барно Нозировна,
номзади илмҳои филология
Маълумот барои иртибот:
номзади илмҳои филология
(ДКН №024609 от 19 марта 2016 г. №14)
Ҷойи кор: Муассисаи давлатии Телевизиони "Ҷаҳоннамо"
Вазифа: Сармуҳаррири идораи таҳлилии Муассисаи давлатии Телевизиони "Ҷаҳоннамо" **Соҳибова Б.Н.**

Имзои Б. Соҳиборо тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳои Муассисаи давлатии Телевизиони "Ҷаҳоннамо" **Нуралиев Р.**

Нишонии ташкилот: шаҳри Душанбе,
кӯчаи Беҳзод 7 А
Тел.: (+992 37) 227- 67-03
(+992 937) 77-61-22
E- mail.barnobarno@mail.ru